# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.03.2025, №57**

Барои сазовор донистани Султонов Абдураҳмон Неъмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, дода мешавад.

Диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт санаи 9 январи соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №71 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд ва дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Султонов Абдураҳмон Неъмонович, соли таваллудаш 16.07.1987, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Султонов Абдураҳмон Неъмонович соли 2011 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ихтисодчӣ-молияшинос хатм намудааст. Султонов Абдураҳмон Неъмонович солҳои 2011-2012 ба сифати ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идора, солҳои 2012-2015 ассистенти кафедраи молия ва қарз фаъолият намудааст.

Солҳои 2015-2023 ба ҳайси муовини декан оид ба таълими факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз сентябри соли 2023 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2019, суратҷаласаи №5/А тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Роҳбари илмии унвонҷӯ – **Тошматов Маҳмуд Негматович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, академики АМ ҶТ, мушовири ректор оид ба сифати таълим ва аккредитатсияҳои байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирова Зарина Ҳалимовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон,

**Ойматов Бахтиёр Шораҳматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи кафедраи баҳисобгирӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ба диссертатсия хулосаи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Валиев Н.Ш. таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идора баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7/А, аз 14.02.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 15.02.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон » кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонов Абдураҳмон Неъмонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

**[1-М].Султонов А.Н.** Аҳамияти сармоягузориҳои хусусӣ дар таъмини молиявии муассисаҳои олии касбӣ [Матн] / Тошматов М.Н., Султонов А.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон // Бахши иқтисодӣ.– № 4 (29). Душанбе, 2019. – С. 191-194. ISSN: 2308-054Х

**[2-М].Султонов А.Н.** Нақши маблағгузориҳои буҷетӣ дар таъмини рушди соҳаи маориф ҳамчун омилт асосии рушди иқтисодиёт [Матн] / **Султонов А.Н.** // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон // Бахши иқтисодӣ.– № 1 (26). Душанбе, 2019. – С. 79-82. ISSN: 2308-054Х

**[3-М].Султонов А.Н.** Имкониятҳо ва равандҳои ҷалби лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / **Султонов А.Н.** // // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон // Бахши иқтисодӣ.– № 2 (36). Душанбе, 2021. – С. 228-232. ISSN: 2308-054Х

**[4-М].Султонов А.Н.** Самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тошматов М.Н., Султонов А.Н. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши иқтисодӣ. – , № 3(54). - Душанбе: ДТТ, 2023. – С. 234 - 242. ISSN: 2707-8000

**Дигар нашрияҳо:**

**[5-М]. Султонов А.Н.** Соҳаи таҳсилоти олӣ ва акши он дар рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] / **Султонов А.Н.** // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (20-21 ноябри 2020). - Душанбе: ДТТ, 2020. - С. 212-214.

**[6-М].Султонов А.Н.** Сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (20-21 ноябри 2020). - Душанбе: ДТТ, 2020. - С. 209-211.

**[7-М].** Султонов А.Н. Зарурати объективии навсозии хизматрасониҳои таълимоти олии касбӣ дар Тоҷикистон ҳамчун муҳимтарин омили рушди саноаткунонии босуръат [Матн] / Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (24-25 ноябри 2023). Қисми 2. - Душанбе: ДТТ, 2023. - С. 94-97.

**[8-М]. Султонов А.Н.** Сарчашмаҳои муосири сармоягузориҳо ба соҳаи ҳизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (24-25 ноябри 2023). Қисми 2.- Душанбе: ДТТ, 2023. - С. 99-102.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Султонов Зубайдулло Султонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эрод:**

- Хуб мешуд муҳаққиқ омӯзиши назарияҳоро оид ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ васеътар менамуд.

- Масъалаи муайян намудани самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи як метод нишон дода шудааст, ҳоло он ки зиёд методҳо дар ин самт мавҷуд мебошанд.

**2. Комилзода Абубакр Қосим – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

- Дар ҷадвали 1, ки шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ номгузорӣ карда шудааст, пурра нест. Зеро олимони ватанию хориҷӣ дар ин самт таҳқиқотҳои илмӣ доштаро ба таври возеҳ нишон намедиҳад. Хуб мешуд дар ин ҷадвал ақидаи муаллифон бо назардошти фикру андешаи онҳо дар мавриди сармоягузорӣ ба соҳаи маориф оварда мешуд.

- дар саҳифаи 17-и автореферат муаллиф ҷадвалеро овардааст. (Ҳиссаи нишондиҳандаи даромади софи холис дар соҳаи ТОК ҶТ (млн. сомонӣ), аммо дар дохили он соҳаи энергетика, тиб, молия ва хоҷагии қишлоқ оварда шудааст. Ба ақидаи мо агар муаллиф ин ҷадвалро барои исботи ягон ақидаи худ оварда бошад бояд онро ба таври возеҳтар шарҳ медод, сифати кор хубтар мешуд.

**3. Ашурзода Ашур Нурулло - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо:**

- Муҳаққиқ сарикасии маблағгузориҳои соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро дар Тоҷикистон баҳогузорӣ намудааст (ҷадвали 7), аммо ин соҳа дар малакат ба сарикасӣ нагузаштааст.

- Баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешаванд.

**4. Олимов Саъди Ибодуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

- Пурра ва васеъ накушодани нақши сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии малакат;

- Хуб мешуд агар нақши сармоягузориҳои хусусӣ ва усулҳои навинӣ ҷалби онҳо нишон дода мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи пешқадам оид ба самти таҳлил ва баҳодиҳии сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, механизмҳои ҷалби бештари сармоягузориҳои хусусӣ, татбиқу истифодаи самараноки онҳо дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хароҷотбарории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин соҳа ноил гардидан ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ мумкин аст.

**- *таърифи муаллифии*** сармоягузорӣ чунин дода шудааст “маҷмуи арзишҳои пулӣ, молӣ ва интеллектуалиро дар худ нишон дода, дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромади) субъектони иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад”.

**- омилҳои ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ошкор шудаанд:** Дар раванди таҳқиқот собит гардид, ки муҳимтарин омили таъсиррасон ба баланд бардоштани

самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ва хароҷотбарории он сатҳи музди меҳнат, харочот барои таҳсил ва меъёри фоизи бонкӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** муҳими таҳқиқоти гузаронидашуда бо аҳамияти асосии натиҷаҳои илмии бадастоварда ва алоқамандии ташаккули сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ бо самтҳои иқтисоди миллӣ ва нишондиҳандаҳои омории онҳо, ки дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, нашриётҳо дар матбуоти даврӣ, инчунин санадҳои амалкунандаи қонунгузории мамлакат баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар заминаи баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои ТОК, усулҳо ва воситаҳои ҷалби сарчашмаҳои гуногуни сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат метавонад густариш диҳанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ барои баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо самараи дисконткунониро истифода бурдан мавриди мақсад буда, фарқ байни бузургии харочот ва бузургии дисконткунонидашуда даромади софи холис ҳамчун меъёри муайянкунандаи дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ дониста мешавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***аҳамияти он, ки*** муассисаҳои соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз манбаи асосии тайёр намудани мутаххассисони баландихтисос дониста мешаванд ва пешрафти онҳо дар шароити муосир аз сарчашмаҳои сармоягузорӣ вобастагии зиёд дорад ва ***исбот гардидааст***, ки нақши сармоягузориҳои ғайрибуҷетӣ нисбат ба сарчашмаҳои буҷетӣ дар рушд ва пешрафти соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат зиёд мебошад.

- ***самтҳои*** бартариятҳои равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат дар заминаи истифодаи сарчашмаҳои гуногуни онҳо арзёбӣ гардида, дурнамои рушди омилҳои ба он вобаста буда **муайян ва илман асоснок карда шудааст**

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) аҳамияти назариявӣ ва амалии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлкат; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар муайян намудани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) ҳолати муосири сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар.

- ***методикаи*** баҳодиҳии самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат бо истифодаи усулҳои муосир гузаронида шуда, нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисоди миллӣ муайян гардид.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муҳаққиқ дар раванди мукаммалгардонии фанҳои «Сармоягузорӣ», «Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ », « Иқтисодиёти дониш», «Иқтисодиёти меҳнат» ва инчунин ҳангоми иҷрои

корҳои илмӣ - таҳқиқотии магистрантҳо дар Донгишгоҳи технологии Тоҷикистон равона гаридидааст **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 10.01.2023 таҳти №29/дс)**. Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муҳаққиқ дар амалия, дар фаъолияти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 06.02.2023)** мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои регресионии*** арзёбии сармоягузории соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуд, ки мувофиқи он муайян гардидааст, ки маблағгузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат аз ҳаҷми ММД вобастагии регрессионии зич дорад.

- ***стратегияи*** вобастагии ММД ба сатҳи маблағгузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат вобаста аз истифодаи усули таҳлилии регрессионӣ-коррелятсионӣ муайян ва дурнамои он то соли 2030 пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст***, ки дар шароити имрӯза барои боз ҳам баланд бардоштани самаранок истифодабарии сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва дар ҳамин замина баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисон дар мамлакат сарикасикунонӣ, мувофиқсозии диверсификатсияи хароҷоти буҷет ба талаботи муосир роҳандозӣ карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок намудани натиҷаҳои омӯзиши дастовардҳои намояндагони мактабҳо ва равандҳои гуногун оид ба мавзуъ ***пешниҳод гардидааст,*** ки хароҷотбарории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ яке аз самтҳои асосии муайян намудани сатҳи самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба ин соҳа буда, ба воситаи тайёркунии мутахассисон ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшуда ташкили манбаъҳои ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат муайян гардида, дар ин самт нақши сарпарастон, махсусан хоҷагии хонаводагӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

- ***усулҳои*** таҳлил, баҳодиҳӣ ва муайян намудани сатҳи самаранок истифодабарии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи сарчашмаҳои хусусии сармоягузорӣ ва маблағҳои буҷетӣ таҳия гардида, зарурати муҳайё сохтани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба ин соҳа **исбот** карда шудааст.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 76,47% ва 91,67% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муҳаққиқ дар баҳодиҳии сатҳи самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши ҳолати муосир ва дурнамо муайян намудааст, ки соҳаи тасҳилоти олии касбӣ яке аз объектҳои манфиатовари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дониста мешавад; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он,

мақсади гузошташуда ва нақши сармоягузориҳо дар пешрафти соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 8 мақола, аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ махсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи баланд бардоштани самаранокии онҳо саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 8, 11, 12, 16, 18 ва 19-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 14.03.2025 қарори сазовор донистани Султонов Абдураҳмон Неъмонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (як нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда:**
**муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Кошонова М. Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**14 марти соли 2025.**